## ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Рустами Абдуҷаббор яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он аввалин сарчашмаи чунин арзишҳо, ки ба насли наврас дар бораи олами атроф ва меъёрҳои рафтор маълумот медиҳад, хонавода мебошад.

Таҳқиқоти пешин ва солҳои охир эътироф менамояд, ки маҳз хонавода омили муҳим барои ташаккулёбии шахсияти наврас ба шумор меравад, бинобар ин омӯзиши муносибатҳои хонаводагӣ, нақши

волидайн дар ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ ва иқтисодии наврас масоили мубрами таҳқиқ қарор мегирад.

Дар ҷомеаи имрӯза мувофиқати «ахлоқӣ» ва «иқтисодӣ» дар шуури одамон тезу тунд гаштааст. Дар ин маврид бояд таваҷҷуҳи хосаро ба тарбияи ахлоқӣ ва иқтисодии насли наврас равон намуд, зеро системаи арзишҳои онҳо дар раванди ташаккулёбӣ мебошад. Маҳз ҳамӣн талабот мубрамияти омӯзиши мавзуъро афзун мекунад, зеро дар ҳамин синну сол азхудкунии фаъоли арзишҳои ҷомеа оғоз ёфта, ташаккули босуръати шахсият, ки насли ояндасози ҷомеа маҳсуб мешавад, сурат мегирад.

Асоси назариявию методологии таҳқиқотро осори педагогҳо, психологҳо, иқтисодчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) доир ба назария, методи ташаккул, технология, роҳ ва усулҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода, нуктаи назари олимон дар бораи муносибати мукаммали ба шахсият нигаронидашуда (В.Г. Афанасев, С.И. Архангельский, Ф.Ф. Королев, В.В. Краевский, Н.В. Кузмина, Р.П. Шедровский), (Е.В. Бондаревская, Л.Г. Ваткин, В.В. Сериков, И.С. Якиманская); ташаккули фаъолиятнокии шахсият нисбат ба оила (Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, Б.Ф. Ломов, М. Лутфуллозода, В.С. Мерлин, С.Л. Рубинштейн); таҳқиқотҳои фалсафӣ-этикӣ оид ба оила (О.М. Бакурадзе, В.А. Блюмкин, А.А. Гусейнов, М.С. Каган, Сагатовский); муқаррароте, ки масъалаҳои умумӣ-методологии илмҳои педагогӣ ва мафҳумҳои педагогикаро мекушоянд (Ю.К. Бабанский, Б.С. Гершунский, Н.И. Загузов, В.В. Краевский, В.А. Сластенин, М. Лутфуллозода, И. Каримова, Ф. Шарифзода ва дигарон); назарияҳои муосир ва консепсияи тарбия ва инкишофи шахсият дар вазъияти тағйирёбандаи иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа (Б.Т. Лихачев, Н.К. Сергеев, Қ.Б. Қодиров, Ф. Гулмадов, А. Нуров, Х. Раҳимзода. А.П. Трапитсина ва дигарон); консепсияи гуманизатсияи таҳсилот (В.П. Бездухов, В.И.Блогер, С.Г.

Вершловский, Ю.Н. Кулюткин, И.Х. Каримова, Г.С. Сухобская, Е.И. Шиянов) ташкил доданд.

Хулоса ва тавсияҳои илмие, ки дар рисола оварда шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ-психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Ҳамчунин, онҳо бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии кори муаллифи диссертатсия тасдиқ карда шудаанд.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Рустами Абдуҷаббор дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ – амалӣ, ки фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозориро таъмин мекунанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Раванди тарбияи иқтисодӣ ва ташаккули сифатҳои салоҳиятҳои иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ ва нақши фарҳанги хонавода дар тарбияи наврасон бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Рустами Абдуҷаббор дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст. Аз он ҷумла агар:

– омилҳои инфиродию психологии наврасон дар ташаккули сифатҳои ахлоқиву иқтисодии онҳо ба назар гирифта шаванд;

– махсусиятҳои тарбияи иқтисодии хонаводагӣ ва роҳу усулҳои тарбия дар ин раванд ба инобат гирифта шаванд;

- роҳ, усул, метод ва технологияҳои педагогиву психологии баланд бардоштани сатҳи тарбияи наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шудаанд;

- рушди тасаввурот, дониш, маҳорату малакаҳои иқтисодии наврасон дар тарбияи хонаводагӣ дар замони иқтисоди бозорӣ бо асосҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

Ғузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди дар овони хурдсолӣ ва наврасӣ махсусияти инфиродӣ-психологии асосӣ ташаккул меёбад, ҳамчунин, барои ташаккули хислатҳои иҷтимоиву ахлоқии шахс заминаҳо ба вуҷуд меоянд, мавриди омӯзиш ва таҳқиқу таҳлил қарор дода шуданд.

Имрӯз дар кишвар таваҷҷуҳ ба тарбияи иқтисодии хонаводагӣ ҳамчун асос ва пойгоҳи тарбия ва ташаккули хислатҳои иқтисодӣ кам зоҳир мегардад. Аслан дар мавҷуд набудани дастуру тавсияҳои зарурӣ дар мавриди тарбияи иқтисодӣ волидайн дар тарбияи иқтисодӣ ва маърифатии молиявии фарзандони худ душвориҳо доранд. Дар тарбияи иқтисодии хурдсолон ва наврасон маҳз «санъати бурдани хоҷагидории хонаводагӣ» нақши асосӣ ва ҳалкунандаро мебозад.

Асоси кори тарбияи иқтисодӣ бояд ба он равона карда шавад, ки дар наврасон ҳисси эҳтиром ба меҳнат пайдо гардад. Наврасон бояд дарк намоянд, ки маҳз меҳнат бунёдкунандаи дунёи моддӣ ва ҳаёти инсонӣ мебошад.

Умуман, волидайн дар самти тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода бояд аҳли он усулҳо ва роҳҳои беҳтаринро ҷустуҷӯ намуда, мавриди истифода қарор диҳанд, зеро наврасии имрӯза насли ояндасози кишвар аст.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- махсусият ва мушкилоти асосии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ;

- роҳҳои самарабахши ҳал намудан ва баланд бардоштани сатҳи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

- ҷустуҷӯи роҳу усулҳои беҳтарин дар раванди тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

- роҳ, усул, метод ва технологияҳои педагогиву психологии баланд бардоштани сатҳи тарбияи наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ;

- рушди тасаввурот, дониш, маҳорату малакаҳои иқтисодии наврасон дар тарбияи хонаводагӣ дар замони иқтисоди бозорӣ.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Аҳамияти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ муқаррароту тавсияҳои назариявӣ доир ба роҳҳо, усулҳо ва методҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода, ки дар диссертатсия ироа шудааст, ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад ва ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода қарор гирифта метавонад.

Коркарди назариявӣ ва методии мавзуи мавриди таҳқиқ ва тавсифи амалӣ дар интихоби роҳҳо, методҳо, усулҳо дар ин самт ба талаботи дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии замони иқтисоди бозорӣ барои хонаводаҳо ҷиҳати ҷустани роҳу усулҳои беҳтарини тарбияи иқтисодии наврасонро мусоидат мекунанд.

Натиҷаҳои кори озмоишӣ ба васеъсозии тасаввуроти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ташаккули салоҳияти иқтисодии онҳо дар муҳити хонавода нигаронида шуда, имкон

медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудбудаи масъалаи тарбияи иқтисодии насли наврас дар муҳити оилавӣ ба ҳадди ақал расонида шуда, назарияи педагогиро дар бораи тарбияи иқтисодӣ дар оила пурра месозанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд.

Саҳми муаллиф дар таҳқиқоти мазкур дар омӯзишу таҳлил ва дуруст ҷо ба ҷо намудани маълумоти зарурӣ, дар коркарди паҳлуҳои муҳимми проблемаи таҳқиқ, мураттаб намудани нақшаву барномаи таҳқиқот ва корҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ, баргузории таҳқиқоти озмоишӣ ва пешниҳоди роҳу усулҳои муосир оид ба фарҳанги хонаводагӣ дар тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ зуҳур меёбад. Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот аз ҳама бештар буда, қисмати асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ, илмӣ-амалӣ ва хулосаҳои асосӣ дар рафти гузориши корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалияи роҳҳо ва усулҳои тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон, дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, зимни баромадҳо ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ сурат гирифтанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсияи илмӣ дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара якчанд маротиба

(давоми солҳои 2019-2022) баррасӣ гашта, дар конференсияҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ба таври васеъ баррасӣ шуда, тасвиби худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки асосу тавсияҳои методии дар амал санҷидашуда, натиҷаҳои илмии он ба сифати маводи коркардшуда ва тавсияҳои амалӣ дар фаъолияти тарбияи кӯдакону наврасон асос ёфтааст;

- маводи ҷамъбастшудаи таҳқиқот ба сифати маводи амалӣ дар фаъолияти кӯдакон дар асоси фарҳанги хонаводагӣ дар тартиб додани барномаю дастурҳои таълимию методӣ кӯмак мерасонад;

- хулоса ва натиҷаҳои бадастомадаро омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонанд зимни таҳияи барномаҳо ва технологияҳои ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба тарбияи иқтисодии хонандагон дар оила ва ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқӣ ва иқтисодии хонандагон тавассути эҷоди низоми тавсияҳои амалӣ дар шароити ҷомеаи муосир истифода баранд.

Ҳамзамон, тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон метавонанд ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор доир ба ташаккули тарбияи иқтисодии бачагон дар оила истифода баранд.

Маводи бадастомада ва хулосаҳои тадқиқот метавонанд ҳангоми маърузаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои мактаббачагон, омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор бигиранд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ баровардa шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ

нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Муаллиф дар диссертатсия масъалаи фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозориро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, роҳҳои беҳтар кардани ташаккули тасаввуроти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ташаккули салоҳияти иқтисодии онҳо дар муҳити хонаводаро муайян карда, назарияи педагогиро дар бораи тарбияи иқтисодӣ дар оила пурра, шарҳу тавзеҳ додааст. Дар баробари ин бисёр хуб мешуд, якчанд нақшаи дарси намунавӣ аз ин машғулиятҳоро нишон дода, бо анҷоми ин амал муҳтавои диссертатсия боз ғанитару мукаммалтар мешуд ва дигар равоншиносону муовинони директор оид ба тарбия ва роҳбарони синфҳо дар фаъолияти минбаъдаашон аз он истифода мебурданд.

2. Агар унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ аз рӯзгору фаъолияти хонаводаҳое, ки дар тарбияи фарзандон бо истифода аз осори илмию адабӣ ва педагогии мутафаккирони тоҷику форс дар бораи тарбияи иқтисодӣ дар оила комёб шудаанд, мисол ва намунаҳо пешниҳод менамуд, арзиши илмии таҳқиқот дучанд мешуд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ», ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи сотсиология ва психологияи
идоракунии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷ.Х.

**Маълумот барои тамос:**

СУРОҒА: шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
ТАМОС: Тел.+992 918 50 63 24. Почтаи электронӣ: info@apa.tj.
Сомона: www.apa.tj

Имзои Ҷ. Х.Файзализодаро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати ШК ва КМ-и
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ҳамидов Шоҳрух